Бо Агентии рушди бозори
коғазҳои қиматнок ва
бақайдгирии махсусгардонидашудаи
Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
мувофиқа шудаанд
«14» ________ 201_ с.

Бо Қарори Шӯрои директорони
(Шӯрои нозирони)
ҶСК «Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ»
тасдиқ шудаанд
«20» марти 2017 с.

(Суратмаҷлиси № 2)

Раиси Шӯрои директорон (Шӯрои нозирон)

________________ Қосимов А. А.

Директори генералии
ҶСК «Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ»

________________ Шерназаров А. А.

# Қоидаҳои листинги
# Ҷамъияти саҳомии кушодаи
# «Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои мазкури листинги Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ» (минбаъд - Қоидаҳо) шартҳо ва тартиби листинги намудҳои гуногуни коғазҳои қиматнок дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ» (минбаъд - Биржа), тағйирёбии сатҳи листинги коғазҳои қиматнок, нигоҳ доштани коғазҳои қиматнок дар рӯйхатҳои нархмонӣ, боздоштан, аз нав оғоз кардан ва қатъ намудани савдои намудҳои гуногуни коғазҳои қиматнок дар ҷараёни паҳнкунӣ ва гардиши онҳо дар Биржа, делистинги коғазҳои қиматнок бо роҳи хориҷ намудани онҳо аз Рӯйхати коғазҳои қиматноки барои савдо дар Биржа рухсатдодашуда, инчунин аз рӯйхати нархмонӣ, муайян менамоянд.

2. Қоидаҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозори коғазҳои қиматнок ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Агентии рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсусгардонидашудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок), инчунин ҳуҷҷатҳои дохилии Биржа таҳия гардидаанд.

## 2. ТАРТИБИ АМАЛИ ҚОИДАҲО

3. Қоидаҳо, инчунин тағйироту иловаҳо ба онҳо аз ҷониби Шӯрои директорони (Шӯрои нозирони) Биржа тасдиқ мегарданд ва тавассути сомонаи расмии Биржа дар шабакаи Интернет ҷойгир карда мешаванд.

4. Санаи эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани Қоидаҳо, инчунин тағйироту иловаҳо ба онҳо, аз ҷониби Биржа муайян карда мешавад. Биржа маълумотро дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳо, аз он ҷумла қабули Қоидаҳо дар таҳрири нав, инчунин оид ба санаи эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани Қоидаҳо (тағйироту иловаҳо ба онҳо ё қабул дар таҳрири нав) бо роҳи ошкор намудани хабари иттилоотӣ оид ба санаи эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани онҳо ва матни ҳуҷҷат дар таҳрири нав, ки аз ҷониби Биржа тасдиқ гардидааст, тавассути сомонаи расмии Биржа дар шабакаи Интернет, ошкор менамояд. Қоидаҳо ва тағйироту иловаҳо ба онҳо на барвақтар аз пас аз панҷ рӯзи баъди ошкор намудани иттилоот оид ба ин тибқи банди мазкур, агар бо қарори Биржа мӯҳлати дигаре муқаррар нашуда бошад, эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

## 3. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

5. Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои зерин истифода мегарданд:

- *Рӯйхати расмӣ (минбаъд - Рӯйхати расмии Биржа)* - қисми рӯйхати коғазҳои қиматнок, ки барои дохил намудан ба он ва дар он қарор доштан коғазҳои қиматнок ва эмитентҳои онҳо бояд ба талаботҳои листингии Биржа мувофиқат кунанд;

- *талаботҳои листингӣ* - талаботҳои бо Қоидаҳои мазкур муқарраршуда ба коғазҳои қиматнок ва эмитентҳои онҳо бо мақсади дохил намудани коғазҳои қиматнок ба рӯйхати расмӣ ва қарор доштани онҳо дар рӯйхати мазкур;

- *қоғазҳои қиматнок* - қоғазҳои қиматноки эмиссионӣ, қоғазҳои қиматноки эмитентҳои хориҷӣ, инчунин дигар қоғазҳои қиматнок, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;

- *когазҳои қиматноки эмитентҳои хориҷӣ* - инструментҳои молиявии хориҷӣ, ки ба сифати коғазҳои қиматнок муайян шудаанд ва эмитентҳои онҳо ташкилотҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва давлатҳои хориҷӣ (бонкҳои марказӣ ва воҳидҳои маъмурӣ - ҳудудии чунин давлатҳои хориҷӣ, ки дорои қобилияти ҳуқуқдории мустақил мебошанд) мебошанд, ки ба талаботҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» мутобиқат менамоянд;

- *когазҳои қиматноки давлатӣ* - коғазҳои қиматноке, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шудаанд;

- *листинг* - аз ҷониби Биржа дохил намудани коғазҳои қиматнок ба Рӯйхати коғазҳои қиматнок, ки барои савдо ба Биржа рухсат дода шудаанд, аз он ҷумла ба рӯйхатҳои нархмонӣ;

- *делистинг* - аз ҷониби Биржа хориҷ намудани коғазҳои қиматнок аз Рӯйхати коғазҳои қиматнок, ки барои савдо ба Биржа рухсат дода шудаанд, аз он ҷумла аз рӯйхатҳои нархмонӣ;

- *боҷҳои листингӣ* - боҷҳои Биржа барои дохил намудани коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ ба рӯйхати расмии Биржа ва қарор доштани онҳо дар рӯйхати зикршуда, инчунин барои додани хулосаи пешакӣ ва барои баррасии ариза дар бораи дохил намудани коғазҳои қиматнок ба рӯйхати расмӣ, ки бояд аз ҷониби ташаббускорони рухсати коғазҳои қиматноки мазкур пардохт карда шаванд;

- *Кумитаи листингӣ (минбаъд - Кумитаи листингӣ)* - мақомоти машваратии доимоамалкунандаи Биржа, ки вазифаҳои худро мувофиқи ҳуҷҷати дохилӣ, ки фаъолияти онро танзим менамояд, амалӣ менамояд, аз он ҷумла бо дархости Биржа оид ба дохил/хориҷ намудани коғазҳои қиматнок ба (аз) Рӯйхати коғазҳои қиматнок, ки барои савдо ба Биржа рухсат дода шудаанд, хориҷ намудани коғазҳои қиматнок аз сатҳи Якум ва Дуюм, боздоштан (қатъ намудан) ва (ё) аз нав оғоз кардани савдо бо коғазҳои

қиматнок хулосаи экспертӣ тартиб медиҳад. Хулосаи экспертии Кумитаи листингӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи Биржа ҳангоми қабули қарор аз рӯи масъалаҳои зикршуда ба назар гирифта мешавад;

- *руйхатҳои нархмонӣ* - маҷмӯи коғазҳои қиматнок, ки ба савдо дар Биржа рухсат дода шуда, дар сохтори Рӯйхати коғазҳои қиматноки барои савдо дар Биржа рухсатдодашуда дар намуди фаслҳои мустақил - сатҳи Якум ва сатҳи Дуюм ҷудо карда шудаанд;

- *эмитент* - шахси ҳуқуқие, ки барориши коғазҳои қиматнокро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, аз номи худ ӯҳдадор мешавад, ки ӯҳдадориҳоро дар назди соҳибони коғазҳои қиматнок, ки аз шартҳои барориши коғазҳои қиматнок бармеоянд, иҷро намояд;

- *тарҳи барориш* - ҳуҷҷате, ки аз ҷониби эмитент бароварда шуда, дорои маълумот дар бораи эмитент, вазъи молиявии он, коғазҳои қиматноки баровардашудаи (баровардашавандаи) он мебошад;

- *Рӯйхати коғазҳои қиматноке, ки барои савдо дар Биржа рухсат дода шудаанд (минбаъд - Рӯйхат)* - маҷмӯи коғазҳои қиматнок, ки ба савдои ташкилкардашуда дар ҷараёни гардиш ва паҳнкунӣ дар Биржа рухсат дода шудааст. Фаслҳои мустақил, ки дар сохтори Руйхати расмии Биржа чудо карда шудаанд, сатҳҳо (сатҳҳои листинг) номида мешаванд:

а) Рӯйхати А - рӯйхати нархмонии сатҳи якум (олӣ), ки маҷмӯи коғазҳои қиматноки ба савдои ташкилкардашуда дар Биржа рухсатдодашуда мебошад ва дар сохтори Рӯйхат дар шакли фасли мустақил ҷудо гардидаанд;

б) Рӯйхати В - рӯйхати нархмонии сатҳи дуюм, ки маҷмӯи коғазҳои қиматноки ба савдои ташкилкардашуда дар Биржа рухсатдодашуда мебошад ва дар сохтори Рӯйхат дар шакли фасли мустақил ҷудо гардидаанд;

в) Рӯйхати С - фасли Рӯйхат, ки маҷмӯи коғазҳои қиматнок буда, бе ворид намудани онҳо ба рӯйхатҳои нархмонӣ ба савдои ташкилкардашуда дар Биржа рухсат дода шудаанд ва дар сохтори Рӯйхат дар шакли фасли мустақил ҷудо гардидаанд (қисми бе нархмонии Рӯйхат).

6. Ҳама гуна дигар истилоҳот ва мафҳумҳое, ки дар Қоидаҳо истифода мегарданд, дар маъниҳои бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба бозори коғазҳои қиматнок ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок, инчунин ҳуҷҷатҳои дохилии Биржа муайяншуда, татбиқ карда мешаванд.

## 4. ЛИСТИНГ ВА ДЕЛИСТИНГИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

7. Ворид намудани коғазҳои қиматнок ба Рӯйхати расмии Биржа ва қарор доштани онҳо дар рӯйхат расмиёти ихтиёрие мебошад, ки эмитент дар асоси Қоидаҳои мазкур ва бо назардошти шартҳои Шартномаи листинги бо Биржа басташуда, онро мегузарад. Қарор доштани коғазҳои қиматноки Эмитент дар Рӯйхати расмии Биржа ҳуқуқи ӯро барои иловатан ошкор намудани маълумот дар бораи худ истисно намекунад.

8. Дар мавриди аз расмиёти листингӣ гузаштани Эмитент, коғазҳои қиматноки арзнамудаи ӯ ба сатҳи дахлдори Рӯйхати расмии Биржа ворид карда мешаванд. Ҳангоми қарор доштани коғазҳои қиматнок дар Рӯйхати расмии Биржа, Эмитенти ин коғазҳои қиматнок бояд ба талаботҳое, ки ба сатҳҳои Рӯйхати расмии Биржа муқаррар мешаванд, мувофиқат намояд.

9. Мувофиқати Эмитент ба талаботҳое, ки ба сатҳҳои Рӯйхати расмии Биржа муқаррар мешаванд, аз ҷониби Биржа дар асоси маълумоти аз тарафи Эмитент мувофиқи Шартномаи листинг пешниҳодшаванда, инчунин дар асоси (мониторинги) назорати иҷроиши дигар ӯҳдадориҳои шартномаи зикршуда аз тарафи Эмитент, санҷида мешавад.

10. Тамоми тағйиротҳо дар Рӯйхати расмии Биржа бояд фавран ба маълумоти оммавӣ ошкор карда шаванд.

11. Коғазҳои қиматноке, ки аз ҷониби як Эмитент бароварда шудаанд, наметавонанд дар сатҳҳои гуногуни Рӯйхати расмии Биржа қарор дошта бошанд.

12. Коғазҳои қиматноке, ки аз ҷониби Эмитенти хориҷӣ бароварда шудаанд, метавонанд дар сатҳи якуми Рӯйхати расмии Биржа бо шарте ворид карда шаванд, ки агар Эмитенти ин коғазҳои қиматнок ба талаботҳои ба сатҳи мазкур пешниҳодшаванда мувофиқат намояд.

13. Дохил намудани коғазҳои қиматнок ба Рӯйхати расмии Биржа ва қарор доштани онҳо дар рӯйхати зикршуда тавсияномаи ба даст овардани коғазҳои қиматноки мазкур намебошанд ва набояд ба ҳайси чунин тавсиянома дарк карда шаванд.

14. Биржа дар назди субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок ва дигар шахсон барои ҳама гуна оқибатҳои қарор ва амалҳо оид ба дохил намудани коғазҳои қиматнок ба Рӯйхати расмии Биржа, гузаронидани коғазҳои қиматнок аз як сатҳи рӯйхати зикршуда ба дигар сатҳ ва хориҷ намудани коғазҳои қиматнок аз рӯйхати зикршуда, ҷавобгар намебошад.

15. Биржа инчунин барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз ҷониби эмитентҳои коғазҳои қиматнок, ки ба Рӯйхати расмии Биржа ворид гардидаанд ва дар он қарор доранд, аз рӯи коғазҳои қиматноки мазкур, ҳамзамон барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз ҷониби кафилони иҷроиши ӯҳдадориҳо аз рӯи коғазҳои қиматноки мазкур ҷавобгар намебошад.

16. Эмитенти коғазҳои қиматноке, ки ба Рӯйхати расмии Биржа ворид гардидаанд ва дар он қарор доранд, тибқи Қоидаҳои мазкур, ҳуҷҷатҳои дохилии Биржа ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ошкор намудани иттилоот дар бораи фаъолияти худ, ки бояд оммавӣ ошкор карда шавад, ба Биржа иттилоот равона мекунад. Биржа иттилооти аз Эмитент бадастовардаро дар сомонаи расмии худ ҷойгир менамояд.

17. Биржа барои пуррагӣ, амиқӣ, дурустӣ ва актуалӣ будани чунин маълумот, инчунин барои пинҳондории чунин маълумот аз ҷониби шахсоне, ки барои пешниҳоди он ба Биржа ӯҳдадор мебошанд, ҷавобгар намебошад. Тамоми ҷавобгарӣ барои пуррагӣ ва дурустии маълумот ба ӯҳдаи Эмитенти коғазҳои қиматноке, ки ба Рӯйхати расмии Биржа ворид гардидаанд, гузошта мешавад.

18. Биржа барои мувофиқати Эмитент ба талаботҳои листингӣ ва барои ошкор кардани маълумот оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории он ба доираи васеи сармоягузорон ҷавобгар мебошад.

19. Агар Эмитент ба талаботҳои листингии Биржа мувофиқат карданро ба итмом расонад, пас коғазҳои қиматноки ӯ бо қарори Кумитаи листингӣ ба делистинги муваққатӣ ё ин ки дар сурати бартараф накардани сабабҳое, ки боиси делистинги муваққатӣ гаштаанд, ба делистинги минбаъда гузошта мешаванд.

## 5. КУМИТАИ ЛИСТИНГӢ

20. Кумитаи листингӣ - мақомоти махсуси Биржа, ки вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- баррасии дархостҳо барои листинг, қабули қарор оид ба ворид намудан ба листинг, тасдиқи хулосаи листингӣ оид ба мувофиқат кардан ё ин ки мувофиқат накардани Эмитент ба талаботҳои листинги Биржа;
- қабули қарор оид ба нигоҳ доштани листинг;
- қабули қарор оид ба делистинг, аз он ҷумла делистинги муваққатӣ;
- омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати рушди листинги Биржа.

21. Кумитаи листингӣ дар маҷлиси худ ҳуҷҷатҳоро оид ба ворид намудани коғазҳои қиматноки Эмитент ба Рӯйхати расмии Биржа, аз он ҷумла нигоҳ доштани листингро баррасӣ намуда, дар сурати мувофиқ будани Эмитент ба талаботҳои листингӣ қарори мусбӣ қабул намуда, Хулосаи листингиро тасдиқ менамояд (Замимаи 5). Дар акси ҳол, Кумитаи листингӣ оид ба ворид намудани коғазҳои қиматнок ба Рӯйхати расмии Биржа, ё дастгирии листинг раддияи асоснок мебарорад.

22. Кумитаи листингӣ ҳамчунин масъалаи хориҷ намудани коғазҳои қиматноки Эмитентро аз Рӯйхати расмии Биржа баррасӣ намуда, дар сурати

қабули чунин қарор ба Эмитент огоҳинома оид ба делистинг ирсол менамояд.

23. Қарорҳои Кумитаи листингӣ дар маҷлисҳои он қабул гардида, дар намуди суратмаҷлиси маҷлис ба расмият дароварда мешаванд.

24. Маҷлисҳои Кумитаи листингӣ аз рӯи зарурат, аммо на камтар аз як маротиба дар се моҳ даъват карда мешаванд. Маҷлисҳои Кумитаи листингӣ аз ҷониби Раиси Кумитаи листингӣ ё шахси иҷрокунандаи вазифаҳои он аз рӯи ташаббуси худи ӯ, ё ин ки бо дархости аъзои мақоми иҷроияи Биржа даъват карда мешаванд.

25. Раиси Кумитаи листингӣ ва муовини ӯ аз байни аъзоёни он бо тартиби пешбининамудаи Низомномаи Кумитаи листинг интихоб мегарданд.

26. Ҳар як аъзои Кумитаи листингӣ ҳуқуқ дорад, ки ба шахсони зикршуда оид ба даъвати маҷлиси Кумитаи листингӣ дархости асоснок ирсол намояд, ки он бояд дар давоми се рӯз аз санаи пешниҳод гардидани дархост даъват карда шавад.

27. Кворум барои қабули қарори Кумитаи листингӣ дар маҷлис ҳузур доштани на кам аз се аъзои он мебошад. Дар ҳолати баробар будани овозҳо, овози раис ҳалкунанда мебошад. Додани ҳуқуқи овоздиҳӣ аз ҷониби яке аз аъзоёни Кумитаи листингӣ ба шахси дигар, аз он ҷумла ба аъзои дигари Кумитаи листингӣ иҷозат дода намешавад.

28. Дар маҷлиси Кумитаи листингӣ суратмаҷлис бурда мешавад, ки дар он қайд мегардад:

- вақт ва макони баргузории он;
- рӯзномаи маҷлис;
- шахсони дар маҷлис ҳузурдошта;
- мавҷудияти кворум;
- насаб, ном ва номи падари маърӯзачиён ва шахсони дар рафти мубоҳиса баромадкунанда, баёни кӯтоҳи рафти баррасии масъалаҳо;
- масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда ва натиҷаҳои овоздиҳӣ аз рӯи онҳо;
- қарорҳои қабулшуда.

## 6. ТАЛАБОТҲОИ ЛИСТИНГӢ

29. Талаботҳои листингӣ ҷудо мешаванд ба:

- талаботҳои умумӣ ва махсус (Замимаи 1);
- талаботҳо оид ба ошкор кардани маълумот (Замимаи 6).

## 7. БОҶҲОИ ЛИСТИНГӢ

30. Биржа намудҳои зерини боҷҳои листингиро муқаррар менамояд:

- боҷи листингии қайди яквақта, ки барои баррасии дархост оид ба листинг ва гузаронидани санҷиши мувофиқати Эмитент ба талаботҳои листинг ситонида мешавад;

- боҷи листингии ҳар семоҳа, ки барои нигоҳдории коғазҳои қиматноки эмитент дар Рӯйхати расмии Биржа ва гузаронидани санҷиши ҳар семоҳаи мувофиқати Эмитент ба талаботҳои листинг ситонида мешавад.

31. Ҳаҷми боҷҳои листингӣ аз ҷониби Шӯрои директорони (Шӯрои нозирони) Биржа муқаррар карда шуда, мӯҳлат ва тартиби пардохти онҳо мувофиқи Шартномаи листинг муқаррар карда мешаванд (Замимаи 2).

## 8. ҶАРАЁНИ ЛИСТИНГ

32. Ҷараёни листинг аз марҳилаҳои пайдарҳами зерин иборат аст:

а) аз ҷониби Эмитент пешниҳод намудани дархост барои листинг (Замимаи 3) бо пешниҳоди якбораи иттилоот ва ҳуҷҷатҳо (Замимаи 4);

б) аз ҷониби Биржа омода намудани Хулосаи листингӣ ва баррасии он дар маҷлиси Кумитаи листингӣ;

в) огоҳ намудани Эмитент дар бораи рад намудани листинг бо баёни сабабҳои рад кардан ё ин ки огоҳ намудани Эмитент дар бораи листинг бо пешниҳод барои бастани Шартномаи листинг.

33. Қарор дар бораи листинг аз рӯзи тасдиқ гардидани Хулосаи листингӣ аз ҷониби Кумитаи листингӣ эътибор пайдо мекунад. Огоҳинома дар бораи листинг ба Эмитенти дахлдор ва мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок дар давоми се рӯз аз санаи қабули қарори дахлдор ирсол мегардад.

34. Хулосаи листингӣ бояд на дертар аз 20 (бист) рӯз аз лаҳзаи пешниҳод гардидани маҷмӯи пурраи ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Эмитент тибқи талаботҳои Биржа, аз ҷониби Биржа омода гардад ва дар маҷлиси Кумитаи листингӣ баррасӣ карда шавад.

35. Дар мавриди номутобиқ будани Эмитент ба талаботҳои листинг, аз он ҷумла аз ҷониби ӯ пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мутобиқат ба чунин талаботҳо, Биржа ба Эмитент раддияи хаттии асоснок медиҳад.

36. Ҳангоми қонеъ гардонидани дархост барои листинг, Эмитент ӯҳдадор мешавад, ки дар давоми 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз рӯзи қонеъ гардонидани дархост бо Биржа Шартномаи листинг бандад ва барои нигоҳ доштани листинг пардохти ҷориро мувофиқи тарофаҳои Биржа амалӣ намояд. Дар акси ҳол, қарори Кумитаи листингӣ оид ба қонеъ гардонидани дархост барои листинг бекор карда шуда, боҷи қайдӣ ба Эмитент баргардонида намешавад.

37. Ҳангоми рад намудани дархости Эмитент барои листинг, агар чунин раддия аз ҷониби Кумитаи листингӣ қабул гардида бошад, пас Биржа дар муддати 3 (се) рӯз аз санаи қабули қарори дахлдор аз ҷониби Кумитаи листингӣ, ба Эмитент иқтибосро аз суратмаҷлиси маҷлиси Кумитаи листингӣ бо баёни сабабҳои раддия ирсол менамояд.

38. Дар ҳолати рад намудани дархости Эмитент барои листинг ӯ ҳуқуқ дорад, ки на кам аз 3 (се) моҳ пас дархости нав пешниҳод намояд.

39. Дар ҳолати рад намудани нигоҳ доштани листинги коғазҳои қиматноки Эмитент ва баровардани қарор оид ба делистинги муваққатии коғазҳои қиматноки ӯ, Биржа ба Эмитент на дертар аз 3 (се) рӯз аз санаи қабули чунин қарор огоҳиномаи дахлдор мефиристад.

40. Биржа ӯҳдадор аст, ки Эмитентро оид ба маҷлиси Кумитаи листингӣ, ки дар он Хулосаи листингӣ бояд баррасӣ шавад, на дертар аз 3 (се) рӯз то санаи баргузоршавии маҷлиси Кумитаи листингӣ хабардор намояд, Эмитент бошад, ҳуқуқ дорад, ки дар шахсияти намояндагони ваколатдори худ дар чунин маҷлис иштирок намояд.

## 9. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК АЗ ЯК САТҲИ РӮЙХАТИ РАСМИИ БИРЖА БА САТҲИ ДИГАР

41. Ҳангоми мувофиқ будани Эмитент ба талаботҳои листингии сатҳи баландтари Рӯйхати расмии Биржа, ва бо шарти пешниҳоди аризаи дахлдор аз ҷониби ӯ (Замимаи 3), коғазҳои қиматноки ӯ метавонанд ба сатҳи баландтари Рӯйхати расмӣ гузаронида шаванд. Чунин гузариш дар мӯҳлат ва бо тартиби пешбининамудаи меъёрҳои боби 8 Қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

42. Дар сурате, ки агар Эмитент ба талаботҳои листингии он сатҳи Рӯйхати расмии Биржа, ки коғазҳои қиматноки ӯ ба он ворид карда шудаанд, мувофиқат карданро ба анҷом расонад, пас чунин коғазҳои қиматнок бояд ба сатҳи пасттари листинг гузаронида шаванд, ё расмиёти делистингро гузаранд. Чунин гузариш аз ҷониби Биржа дар асоси хулосаи листингии тасдиқнамудаи Кумитаи листингӣ дар давоми панҷ рӯз баъди аз ҷониби Биржа тартиб додани чунин хулоса амалӣ карда мешавад.

## 10. РАСМИЁТИ НИГОҲДОРИИ ЛИСТИНГ

43. Расмиёти нигоҳдории листинг аз марҳилаҳои пайдарҳами зерин иборат аст:

- ҳар семоҳа, на дертар аз санаи 10 - уми моҳи дуюми пас аз семоҳаи ҳисоботӣ меомада, Биржа ба баррасии Кумитаи листингӣ хулосаҳои

листингиро дар хусуси ҳар кадоме аз эмитентҳое, ки коғазҳои қиматноки онҳо ба Рӯйхати расмии Биржа ворид гардидаанд, омода ва пешниҳод менамояд;

- Кумитаи листингӣ на дертар аз санаи 15 - уми моҳи дуюми пас аз семоҳаи ҳисоботӣ меомада, ӯҳдадор аст, ки хулосаҳои листингии пешниҳодшударо баррасӣ намояд ва оид ба нигоҳдории листинг ва ё делистинг қарор қабул намояд.

## 11. ЧОРАҲОИ ТАЪСИРРАСОНӢ БА ЭМИТЕНТ

44. Эмитенте, ки барои листинг дархост пешниҳод намудааст, ҳамчунин Эмитенте, ки коғазҳои қиматноки ӯ дар Рӯйхати расмии Биржа қарор доранд, дар назди Биржа барои саривақтӣ, саҳеҳӣ ва пуррагии иттилооти ба Биржа мувофиқи Қоидаҳои мазкур ошкоршаванда, ҷавобгар мебошад.

45. Ҳангоми аз ҷониби Эмитент вайрон гардидани талаботҳо оид ба нигоҳдории листинг, Биржа нисбати Эмитент чораҳои таъсиррасонии зеринро татбиқ менамояд:

- огоҳӣ;
- делистинги муваққатӣ;
- делистинг.

46. Огоҳӣ ба Эмитент барои аз ҷониби ӯ вайрон намудани ҷузъии талаботҳои листинг ва талаботҳо оид ба нигоҳдории листинг дода мешавад. Ҷузъӣ танҳо чунин вайроннамоӣ эътироф мегардад, ки танҳо бо саривақт пешниҳод накардани иттилооте, ки дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ шудааст, дар муддати даҳ рӯз пас аз мӯҳлати муқаррарнамудаи Қоидаҳои мазкур барои пешниҳод намудани иттилооти дахлдор, алоқамандӣ дорад. Ҳамзамон аз ҷониби худи Эмитент интишор намудани чунин иттилоот дар воситаҳои ахбори омма ё дар интернет аз ҷониби Биржа ҳамчун иҷрои талаботҳо оид ба нигоҳдории листинг эътироф карда намешавад.

47. Огоҳӣ ба Эмитент аз ҷониби Биржа дар асоси мактуби хизматии роҳбари Департаменти листинги Биржа бароварда мешавад.

## 12. РАСМИЁТИ ДЕЛИСТИНГИ МУВАҚҚАТӢ

48. Делистинги муваққатӣ - расмиёти хориҷ намудани коғазҳои қиматноки Эмитент аз сатҳи дахлдори Рӯйхати расмии Биржа ба мӯҳлати на зиёда аз 30 (си) рӯз мебошад.

49. Асос барои делистинги муваққатӣ сабабҳои зерин мебошанд:

- номувофиқатии Эмитент ба талаботҳои листингии сатҳи дахлдори Рӯйхати расмии Биржа, аз он ҷумла ба таъхир мондани иҷрои ӯҳдадориҳо аз рӯи коғазҳои қиматноки худ аз ҷониби Эмитент;

- вайрон намудани қатъии шартҳои Шартномаи листинг аз ҷониби Эмитент;

- ба вуҷуд омадани рӯйдодҳои қатъиян бадкунанда ва маҳдудкунандаи фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории Эмитент.

50. Қарор дар бораи делистинги муваққатии коғазҳои қиматноки Эмитент аз ҷониби Биржа дар асоси мактуби хизматии Департаменти листинг дар муддати панҷ рӯз аз лаҳзаи ошкор гардидани асосҳои пешбининамудаи банди 49 - и боби мазкур, қабул карда мешавад. Чунин қарор аз ҷониби Кумитаи листингӣ тасдиқ карда мешавад.

51. Вайроннамоии қатъии шартҳои Шартномаи листинг аз ҷониби Эмитент, ҳисобида мешаванд:

- ба Биржа пешниҳод намудани маълумоти носаҳеҳ, нопурра ва (ё) баиштибоҳбаранда;

- дар мӯҳлати муқарраршуда иҷро накардани талаботҳои Биржа вобаста ба бартараф кардани вайроннамоии дар огоҳӣ қайдшуда;

- гирифтани зиёда аз се огоҳӣ дар давоми шаш моҳи охир;

- вайрон намудани мӯҳлатҳои ҳисоббаробаркуниҳо оиди пардохти боҷи листингӣ барои нигоҳдории листинг.

52. Қарор дар бораи аз нав оғоз намудани листинги Эмитент аз ҷониби Биржа дар асоси мактуби хизматии Департаменти листинг дар сурати бартараф намудани вайроннамоиҳои барои делистинги муваққатӣ боисгардида ва аризаи хаттии Эмитент оид ба минбаъд роҳ надодани вайроннамоии талаботҳои листинги Биржа қабул карда мешавад.

53. Дар ҳолати бартараф нагардидани вайроннамоиҳо аз ҷониби Эмитент, ки барои делистинги муваққатӣ боис мегарданд, расмиёти делистинг татбиқ карда мешавад.

## 13. ЛИСТИНГИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ДАВЛАТӢ

54. Тартиби рухсат додани коғазҳои қиматноки давлатӣ барои паҳнкунӣ ва гардиш дар Биржа бо Қоидаҳои паҳнкунӣ ва гардиши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар бахши «Коғазҳои қиматноки давлатӣ» - и Рӯйхати расмии Биржа, ки аз ҷониби Шӯрои директорони Биржа тасдиқ мешаванд, муқаррар карда мешаванд.

## 14. РӮЙДОДҲОИ ҚАТЪИЯН БАДКУНАНДА ВА МАҲДУДКУНАНДАИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ - ХОҶАГИДОРИИ ЭМИТЕНТ

55. Барои мақсадҳои Қоидаҳои мазкур, Биржа маҳакҳои зерини ба вуҷуд омадани рӯйдодҳои қатъиян бадкунанда ва маҳдудкунандаи вазъи молиявӣ - ҳоҷагидории Эмитентро истифода мебарад:

- барои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзие, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим даровардa мешаванд:

а) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон нисбати бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои таъсири муназзим, аз қабили:

- пешниҳоди талабот дар хусуси иваз намудани шахсони мансабдор ё гузаронидани чорабиниҳо оид ба беҳдошти молиявӣ, ё пурра кардани сармоя, ё азнавташкилдиҳии бонк;

- манъ намудан, маҳдуд кардан ё қатъ намудани навъҳои алоҳидаи амалиётҳои бонкӣ;

- таъин намудани роҳбарияти муваққатӣ барои идораи бонк;

- боздоштан ё бозхонди иҷозатнома.

б) барои дигар шахсони ҳуқуқӣ:

- оғоз намудани парвандаҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ нисбати шахсони мансабдори Эмитент;

- аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорони Эмитент тасдиқ накардани ҳисоботи Мақоми иҷроияи ӯ;

- аз ҷониби Биржа нагирифтани эзоҳоти Эмитент дар хусуси далелҳои қатъии марбут ба Эмитенти мазкур ё шахсони мансабдори ӯ дар муддати зиёда аз даҳ рӯз аз санаи аз ҷониби Биржа равон гардидани дархости дахлдор.

## 15. РАСМИЁТИ ДЕЛИСТИНГ

56. Қарор дар бораи делистинги коғазҳои қиматнок аз ҷониби Кумитаи листингии Биржа дар асоси хулосаи омоданамудаи Биржа қабул карда мешавад. Дар баробари ин, масъалаи делистинги ҳар кадом Эмитенте, ки коғазҳои қиматноки ӯ ба Рӯйхати расмии Биржа ворид гардидаанд, метавонад дар ҳар кадом вақт дар мавриди мавҷуд будани асосҳои дар поён зикршуда гузошта шавад.

57. Асос барои қабули қарор дар бораи делистинги коғазҳои қиматнок инҳо мебошанд:

а) холатҳои дар боби 10 ва банди 53-и Қоидаҳои мазкур пешбинишуда;

б) аризаи Эмитент дар бораи делистинги коғазҳои қиматноки ӯ;

в) ба вуҷуд омадани рӯйдодҳои қатъиян бадкунанда ва маҳдудкунандаи фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории Эмитент, ки дар боби 14 - и Қоидаҳои мазкур пешбинӣ шудаанд;

г) дар ҷараёни муфлисшавӣ қарор доштани Эмитент, аз он ҷумла муфлис эътироф намудани Эмитенти коғазҳои қиматнок, инчунин оғози расмиёти барҳамдиҳии Эмитент;

д) бекор гардидани бақайдгирии давлатии барориши коғазҳои қиматноке, ки ба Рӯйхати расмии Биржа ворид гардидаанд, ё ба охир расидани мӯҳлати гардиши онҳо.

58. Огоҳинома дар бораи делистинг ба Эмитенти дахлдор ва мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок дар муддати 3 (се) рӯз аз санаи қабули қарори дахлдор фиристода мешавад.

## 16. ОШКОР ГАРДИДАНИ МАЪЛУМОТ

59. Биржа маълумотро дар бораи Эмитенте, ки коғазҳои қиматноки ӯ ба Рӯйхати расмии Биржа ворид гардидаанд, бо роҳи ҷойгирнамоии он дар интернет - сомонаи расмии Биржа бо суроғаи: www.case.com.tj, ё пешниҳоди нусхаҳои ҳуҷҷатҳои дахлдор дар шакли коғазӣ ба ҳар кадом шахси мурочиаткунанда бо шартҳои дархости хаттӣ ва пардохти харочотҳои Биржа мувофиқи тарофаҳои он, ошкор менамояд.

60. Биржа маълумотҳоро дар бораи қарорҳои худ, ки мувофиқи Қоидаҳои мазкур қабул гардидаанд, тариқи интернет - сомонаи расмии худ ошкор менамояд.

## 17. ТАЛАБОТҲО НИСБАТИ АУДИТОРҲОИ ЭМИТЕНТ

61. Биржа хулосаҳои аудиториро дар бораи ҳисоботи молиявии Эмитент, ки аз ҷониби ширкатҳои аудиторӣ амалӣ карда шуда, ба талаботҳои зерин мувофиқ мебошанд, эътироф менамояд.

62. Аудитори Эмитент - резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд шахси ҳуқуқӣ буда, дорои иҷозатномаи дахлдор барои амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

63. Аудитори Эмитент - нерезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба қатори даҳ ширкатҳои аудитории пешсаф, ки аз ҷониби биржаҳо эътироф гардидаанд, дохил бошад.

64. Аудити бевоситаи Эмитентро бояд кормандони штатии ширкати аудиторӣ, ки дорои шаҳодатномаҳои байналмилалии CAP (муҳосиби ботаҷрибаи дорои шаҳодатнома), CIPA (муҳосиби байналмилалии касбии дорои шаҳодатнома) ё CPA (муҳосиби давлатии дорои шаҳодатнома) ва таҷрибаи фаъолияти амалӣ бо чунин шаҳодатномаҳо на камтар аз се сол, баргузор намоянд.

65. Ширкати аудиторӣ бояд расмиёти ҳуҷҷатгузориро оид ба гузаронидани аудит мувофиқи талаботҳои Стандартҳои байналмилалии аудит дошта бошад.

66. Биржа ҳуқуқ дорад, ки аудитори Эмитентро эътироф накунад ва иваз кардани ӯро талаб намояд, агар далелҳои кофии гувоҳидиҳандаи ғаразнокии он нисбати Эмитент ва корозмуда набудани ӯ вуҷуд дошта бошанд.

## 18. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲС ВА ИХТИЛОФҲО

67. Тамоми баҳсу ихтилофҳои гражданӣ - ҳуқуқие, ки вобаста ба амалӣ намудани фаъолият дар Биржа мувофиқи Қоидаҳои мазкур ба вуҷуд меоянд, инчунин иҷроиши ӯҳдадориҳое, ки аз Қоидаҳои мазкур ва шартномаҳои бо Биржа басташуда ва дар робита бо онҳо бармеоянд, воҷиби баррасӣ ва ҳал гардидан аз ҷониби Комиссия оид ба ҳалли баҳс ва ихтилофҳо, ки дар ҷараёни амалӣ намудани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок ва воситаҳои молиявӣ дар Биржа ба вуҷуд меоянд (минбаъд - Комиссия оид ба ҳалли баҳс ва ихтилофҳо), мебошанд.

68. Қарорҳои Комиссия оид ба ҳалли баҳс ва ихтилофҳо барои тарафҳо ҳатмӣ мебошанд. Дар ҳолате, ки агар яке аз тарафҳои (тарафҳо) баҳс ва ихтилоф бо қарори Комиссия норозӣ бошад (бошанд), ҳар кадоме аз тарафҳо ҳуқуқ дорад, ки ҳуқуқи худро барои ҳифз намудани манфиатҳои худ бо тартиби умумӣ дар мақомотҳои судии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намояд.

**Замимаи 1**
**ба Қоидаҳои листинги**
**ҶСК “Биржаи Фондии**
**Осиёи Марказӣ”**

# ТАЛАБОТҲОИ ЛИСТИНГӢ
## 1. ТАЛАБОТҲОИ УМУМӢ

1. Эмитент бояд шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ё ин ки ҳуҷҷатҳоеро дошта бошад, ки барои истифодабарии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ ба расмият даровара шудаанд ё таъйид карда шудаанд, ки бақайдгирии ӯро ба сифати шахси ҳуқуқии кишвари дигар, тасдиқ мекунанд.

2. Эмитент бояд ҳисоботи молиявии худро тибқи стандартҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ, аз ҷумла дар асоси семоҳавӣ, таҳия намояд.

3. Феҳристи соҳибони коғазҳои қиматноки Эмитент бояд аз тарафи нигоҳдорандаи феҳристи мустақил, пеш бурда шавад.

4. Эмитент набояд аз рӯи иҷроиши ӯҳдадориҳо оид ба коғазҳои қиматноки баровардааш, ба ғайр аз қарзҳои ҷорӣ ва талабкарданашуда вобаста бо пардохти даромад оид ба коғазҳои қиматноки мазкур, қарздор бошад.

5. Бо низомнома ё дигар ҳуҷҷатҳои Эмитент набояд барои бегона намудани озодонаи коғазҳои қиматноки баровардаи ӯ барои соҳибони онҳо ва барои дигар ҳуқуқҳо аз рӯи коғазҳои қиматнок, маҳдудиятҳо гузошта шаванд.

6. Ҳисоботдиҳии молиявии солонаи Эмитент бояд бо хулосаи аудитори мустақили аз тарафи Биржа эътирофшуда, тасдиқ карда шавад.

7. Эмитент бояд санҷиши маҷмӯиро гузарад (дю диличенс).

8. Эмитент бояд меморандуми сармоягузориро бо иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки аз хизматрасонии он истифода мебарад, ба имзо расонад.

9. Ҳаҷми коғазҳои қиматноки баровардашуда, ки ба рӯйхати расмии Биржа дохил шудаанд ё барои дохил шудан пешниҳод карда шудаанд, бояд на камтар аз даҳ ҳазор ададро ташкил диҳад.

10. Эмитенте, ки коғазҳои қиматнокаш ба Рӯйхати расмӣ ворид шудаанд, бояд саривақт ва дар ҳаҷми талабкардашуда ба Биржа маълумотро, ки дар Қоидаҳои мазкур барои нигоҳ доштани листинг пешбинӣ шудаанд, ошкор намояд (Замимаи 6).

## 2. ТАЛАБОТҲОИ МАХСУС БАРОИ ЭМИТЕНТҲОИ САҲМИЯҲО
## 2.1. ТАЛАБОТҲОИ МАХСУС БАРОИ САТҲИ ЯКУМ

11. Сармояи оинномавии Эмитент бояд на камтар аз 100 (сад) миллион сомониро ташкил диҳад.

12. Эмитент бояд (бақайдгирии аввалияи давлатиро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ гузарад) дар муддати на кам аз 3 (се) сол то санаи пешниҳоди дархост барои листинг ташкил шуда бошад (талаботи мазкур инчунин бояд аз тарафи Эмитенте, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис дода шудааст, иҷро карда шавад).

13. Эмитент бояд аз рӯи соли ҳисоботии охирон ё се соли охир безарар фаъолият намуда бошад.

14. Эмитент бояд дар шакли ҷамъияти саҳомӣ фаъолият намуда, ба талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ мутобиқ бошад.

15. Эмитент аз рӯи коғазҳои қиматноки пешниҳодшуда ё дар листинг қарордоштаи худ бояд риояи таҷрибаи беҳтарини идоракунии корпоративиро нишон диҳад ва то охири соли якуми дар листинг қарор доштанаш, Кодекси идоракунии корпоративиро ҳамчун ҳуҷҷати дохилӣ, ки имконияtро барои ворид намудани стандартҳои муосири идоракунии корпоративӣ ба фаъолияти худ фароҳам меорад, қабул кунад.

16. Эмитент бояд паҳнкунии аввалияи коғазҳои қиматнокро, ки дар Рӯйхати расмии Биржа қарор доранд, дар майдончаи савдои он амалӣ намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо шартҳои барориши чунин коғазҳои қиматнок паҳнкунии аввалияи онҳо дар майдончаҳои савдои давлатҳои хориҷӣ муқаррар шуда бошад. Ҳамзамон ҳаҷми барориши саҳмияҳо набояд аз 40% аз маблағи сармоякунонӣ камтар бошад.

17. Дар ҷараёни гузаштани расмиёти листинг Эмитент бояд қарздории андозӣ надошта бошад ва ба мурофиаҳои судӣ ҷалб карда нашуда бошад.

## 2.2. ТАЛАБОТҲОИ МАХСУС БАРОИ САТҲИ ДУЮМ

18. Сармояи оинномавии Эмитент бояд на камтар аз 50 (панҷоҳ) миллион сомониро ташкил диҳад.

19. Эмитент бояд (бақайдгирии аввалияи давлатиро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ гузарад) дар муддати на кам аз 3 (се) сол то санаи пешниҳоди дархост барои листинг ташкил шуда бошад (талаботи мазкур инчунин бояд аз тарафи Эмитенте, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис дода шудааст, иҷро карда шавад).

20. Эмитент бояд аз рӯи соли ҳисоботии охирон ё се соли охир безарар фаъолият намуда бошад.

21. Эмитент бояд дар шакли ҷамъияти саҳомӣ фаъолият намуда, ба талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ мутобиқ бошад.

22. Эмитент аз рӯи коғазҳои қиматноки ба листинг пешниҳодшуда бояд риояи таҷрибаи беҳтарини идоракунии корпоративиро нишон диҳад ва то охири соли дуюми дар листинг қарор доштанаш, ва аз рӯи коғазҳои қиматноки дар листинг қарордошта - то охири соли дуюм аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани Қоидаҳои мазкур, Кодекси идоракунии корпоративиро ҳамчун ҳуҷҷати дохилӣ, ки имкониятро барои ворид намудани стандартҳои муосири идоракунии корпоративӣ ба фаъолияти худ фароҳам меорад, қабул кунад.

23. Эмитент бояд паҳнкунии аввалияи коғазҳои қиматнокро, ки дар Рӯйхати расмии Биржа қарор доранд, дар майдончаи савдои он амалӣ намояд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки бо шартҳои барориши чунин коғазҳои қиматнок паҳнкунии аввалияи онҳо дар майдончаҳои савдои давлатҳои хориҷӣ муқаррар шуда бошад. Ҳамзамон ҳаҷми барориши саҳмияҳо набояд аз 40% аз маблағи сармоякунонӣ камтар бошад.

24. Дар ҷараёни гузаштани расмиёти листинг Эмитент бояд қарздории андозӣ надошта бошад ва ба мурофиаҳои судӣ ҷалб карда нашуда бошад.

## 2.3. ТАЛАБОТҲОИ МАХСУС БАРОИ САҲМИЯҲОИ ҒАЙРИНАРХМОНӢ

25. Сармояи оинномавии Эмитент бояд на камтар аз 5 (панҷ) миллион сомонӣ бошад.

26. Эмитент бояд (бақайдгирии аввалияи давлатиро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ гузарад) дар муддати на кам аз 3 (се) сол то санаи пешниҳоди дархост барои листинг ташкил шуда бошад (талаботи мазкур инчунин бояд аз тарафи Эмитенте, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис дода шудааст, иҷро карда шавад).

27. Эмитент бояд аз рӯи соли ҳисоботии охирон ё се соли охир безарар фаъолият намуда бошад.

28. Эмитент бояд дар шакли ҷамъияти саҳомӣ фаъолият намуда, ба талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ мутобиқ бошад.

29. Эмитент бояд паҳнкунии аввалияи коғазҳои қиматнокро, ки дар Рӯйхати расмии Биржа қарор доранд, дар майдончаи савдои он амалӣ намояд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки бо шартҳои барориши чунин коғазҳои қиматнок паҳнкунии аввалияи онҳо дар майдончаҳои савдои давлатҳои хориҷӣ муқаррар шуда бошад. Ҳамзамон ҳаҷми барориши саҳмияҳо набояд аз 40% аз маблағи сармоякунонӣ камтар бошад.

30. Дар ҷараёни гузаштани расмиёти листинг Эмитент бояд қарздории андозӣ надошта бошад ва ба мурофиаҳои судӣ ҷалб карда нашуда бошад.

## 3. ТАЛАБОТҲОИ МАХСУС БАРОИ ЭМИТЕНТҲОИ ВОМБАРГҲО

### 3.1. ТАЛАБОТҲОИ МАХСУС БАРОИ САТҲИ ЯКУМ

31. Сармояи оинномавии Эмитент бояд на камтар аз 100 (сад) миллион сомониро ташкил диҳад.

32. Эмитент бояд (бақайдгирии аввалияи давлатиро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ гузарад) дар муддати на кам аз 3 (се) сол то санаи пешниҳоди дархост барои листинг ташкил шуда бошад (талаботи мазкур инчунин бояд аз тарафи Эмитенте, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис дода шудааст, иҷро карда шавад).

33. Ҳаҷми барориши вомбаргҳо, ки барои паҳнкунии аввалия пешниҳод шудаанд, бояд аз 30% аз сармояи худ зиёдтар набошад.

34. На кам аз 70% - и вомбаргҳо бояд ба таври оммавӣ паҳн карда шаванд.

35. Эмитент аз рӯи коғазҳои қиматноки ба листинг пешниҳодшуда бояд риояи таҷрибаи беҳтарини идоракунии корпоративиро нишон диҳад ва то охири соли якуми дар листинг қарор доштанаш, ва аз рӯи коғазҳои қиматноки дар листинг қарордошта - то охири соли якум аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани Қоидаҳои мазкур, Кодекси идоракунии корпоративиро ҳамчун ҳуҷҷати дохилӣ, ки имконияттро барои ворид намудани стандартҳои муосири идоракунии корпоративӣ ба фаъолияти худ фароҳам меорад, қабул кунад.

36. Дар ҷараёни гузаштани расмиёти листинг Эмитент бояд қарздории андозӣ надошта бошад ва ба мурофиаҳои судӣ ҷалб карда нашуда бошад.

### 3.2. ТАЛАБОТҲОИ МАХСУС БАРОИ САТҲИ ДУЮМ

37. Сармояи оинномавии Эмитент бояд на камтар аз 50 (панҷоҳ) миллион сомониро ташкил диҳад.

38. Эмитент бояд (бақайдгирии аввалияи давлатиро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ гузарад) дар муддати на кам аз 3 (се) сол то санаи пешниҳоди дархост барои листинг ташкил шуда бошад (талаботи мазкур инчунин бояд аз тарафи Эмитенте, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис дода шудааст, иҷро карда шавад).

39. Ҳаҷми барориши вомбаргҳо, ки барои паҳнкунии аввалия пешниҳод шудаанд, бояд аз 30% аз сармояи худ зиёдтар набошад.

40. На кам аз 70% - и вомбаргҳо бояд ба таври оммавӣ паҳн карда шаванд.

41. Эмитент аз рӯи коғазҳои қиматноки ба листинг пешниҳодшуда бояд риояи таҷрибаи беҳтарини идоракунии корпоративиро нишон диҳад ва то охири соли дуюми дар листинг қарор доштанаш, ва аз рӯи коғазҳои

қиматноки дар листинг қарордошта - то охири соли дуюм аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани Қоидаҳои мазкур, Кодекси идоракунии корпоративиро ҳамчун ҳуҷҷати дохилӣ, ки имкониятро барои ворид намудани стандартҳои муосири идоракунии корпоративӣ ба фаъолияти худ фароҳам меорад, қабул кунад.

42. Дар ҷараёни гузаштани расмиёти листинг Эмитент бояд қарздории андозӣ надошта бошад ва ба мурофиаҳои судӣ ҷалб карда нашуда бошад.

## 3.3. ТАЛАБОТҲОИ МАХСУС БАРОИ ВОМБАРГҲОИ ҒАЙРИНАРХМОНӢ

43. Сармояи оинномавии Эмитент бояд на камтар аз 5 (панҷ) миллион сомониро ташкил диҳад.

44. Эмитент бояд (бақайдгирии аввалияи давлатиро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ гузарад) дар муддати на кам аз 3 (се) сол то санаи пешниҳоди дархост барои листинг ташкил шуда бошад (талаботи мазкур инчунин бояд аз тарафи Эмитенте, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис дода шудааст, иҷро карда шавад).

45. Ҳаҷми барориши вомбаргҳо, ки барои паҳнкунии аввалия пешниҳод шудаанд, бояд аз 30% аз сармояи худ зиёдтар набошад.

46. На кам аз 70% - и вомбаргҳо бояд ба таври оммавӣ паҳн карда шаванд.

47. Эмитент аз рӯи коғазҳои қиматноки ба листинг пешниҳодшуда бояд риояи таҷрибаи беҳтарини идоракунии корпоративиро нишон диҳад ва то охири соли сеюми дар листинг қарор доштанаш, ва аз рӯи коғазҳои қиматноки дар листинг қарордошта - то охири соли сеюм аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани Қоидаҳои мазкур, Кодекси идоракунии корпоративиро ҳамчун ҳуҷҷати дохилӣ, ки имкониятро барои ворид намудани стандартҳои муосири идоракунии корпоративӣ ба фаъолияти худ фароҳам меорад, қабул кунад.

48. Дар ҷараёни гузаштани расмиёти листинг Эмитент бояд қарздории андозӣ надошта бошад ва ба мурофиаҳои судӣ ҷалб карда нашуда бошад.

**Замимаи 2**
**ба Қоидаҳои листинги**
**ҶСК «Биржаи Фондии**
**Осиёи Марказӣ»**

# ШАРТНОМАИ ЛИСТИНГИ №______

ш. Душанбе «___» ____________201__с.

__________________ « », минбаъд «Эмитент» номида мешавад, дар шахсияти ___________________________, ки дар асоси ___________ амал менамояд, аз як тараф ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ», ки минбаъд «Биржа» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ Шерназаров А. А., ки дар асоси Оиннома амал менамояд, аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи мазкурро дар мавриди зайл бастанд:

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Биржа ӯҳдадор мешавад ба Рӯйхати расмии Биржа (минбаъд - листинг) коғазҳои қиматноки эмиссионии зерини Эмитентро ворид намояд: _____________________________ (коғазҳои қиматноке, ки тибқи Қоидаҳои листинг қабул шудаанд, нишон дода мешаванд), Эмитент бошад ӯҳдадор мешавад ба Биржа маълумотро тибқи Замимаи №6 ба Қоидаҳои листинги Биржа (минбаъд - Қоидаҳои листинг) пешниҳод намуда, инчунин пардохти боҷҳои листингиро тибқи шартҳои Шартномаи мазкур амалӣ намояд.

1.2. Эмитент маълумоти бо имзои роҳбар тасдиқкардашударо ҳар семоҳа на дертар аз санаи якуми моҳи якуми семоҳаи навбатӣ пешниҳод менамояд.

1.3. Барои санҷиши дурустии маълумоти аз ҷониби Эмитент тибқи Шартномаи мазкур пешниҳодшаванда, Биржа ҳуқуқ дорад санҷиши яктарафаро аз ҷониби ширкати махсусгардонидашуда бо пардохти хароҷотҳо аз ҳисоби Эмитент муқаррар намояд.

## 2. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ЭМИТЕНТ

2.1. Биржа ҳуқуқ дорад:

- аз шахси ваколатдори Эмитент пешниҳоди саривақтии маълумотро, ки бо шартҳои Шартномаи мазкур ва Қоидаҳои листинг пешбинӣ шудааст, талаб намояд;

- маълумоти тибқи Шартномаи мазкур ва Қоидаҳои листинг пешниҳоднамудаи Эмитентро ба ҳар кадом шахси манфиатдор ошкор намояд.

2.2. Биржа ӯҳдадор аст:

- ба нуфӯзи Эмитент ҳамчун ширкати «кушода» мусоидат намояд, агар дигаре аз маълумоти дар ихтиёри Биржа қарордошта ошкор нагардад;

- тибқи қонунгузории амалкунанда ва Қоидаҳои листинг мунтазам ошкорнамоии иттилоотро дар бораи фаъолияти Эмитент тавассути ҷойгирнамоии он дар шабакаи Интернет ва ҳисоботҳои таҳлилии Биржа амалӣ намояд.

2.3. Эмитент ҳуқуқ дорад:

- Шартномаи мазкурро пеш аз мӯҳлат бо риояи шартҳо ва тартиби дахлдор бекор намояд;

- барои гирифтани ҳисоботҳои таҳлилӣ, ки аз ҷониби Биржа омода мегарданд.

2.4. Эмитент ӯҳдадор аст:

- саривақт, ҳамчунин дар ҳаҷм, шакл ва мӯҳлати муқарраршуда, ба Биржа маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳоеро, ки бо Қоидаҳои листингӣ пешбинӣ гардидаанд, пешниҳод намояд;

- саривақт, дар ҳаҷми пурра ва мӯҳлатҳои муқарраршуда, пардохти боҷҳои листингиро, ки бо Қоидаҳои листингӣ, тарофаҳои Биржа ва Шартномаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, амалӣ намояд;

- ҳамаи чораҳоро барои роҳ надодани аз ҷониби шахси ваколатдори ӯ вайроннамоии мӯҳлат, тартиб, пуррагӣ ва саҳеҳии пешниҳоди маълумоте, ки бояд аз ҷониби Биржа дар ҷараёни иҷроиши Шартномаи мазкур ошкор гардад, андешад.

## 3. ТАРТИБ ВА МӮҲЛАТИ ПАРДОХТИ БОҶҲО ОИД БА НИГОҲДОРИИ ЛИСТИНГ АЗ ҶОНИБИ ЭМИТЕНТ

3.1. Эмитент дар давоми 5 (панҷ) рӯз аз лаҳзаи имзо намудани Шартномаи мазкур ба Биржа боҷи листингиро дар ҳаҷми _______________ (_______________) сомонӣ барои ворид намудани коғазҳои қиматноки Эмитент ба Рӯйхати расмии Биржа, пардохт менамояд.

3.2. Эмитент на дертар аз анҷоми моҳи якуми ҳар семоҳаи ҷорӣ ба Биржа боҷро дар ҳаҷми ______% аз миқдори умумии коғазҳои қиматноки воқеан ба Рӯйхати расмии Биржа воридшуда, пардохт менамояд.

3.3. Пардохти боҷ аз ҷониби Эмитент мувофиқи суратҳисоби аз ҷониби Биржа пешкашшаванда, бо роҳи гузаронидани маблағи дахлдор ба суратҳисоби Биржа амалӣ карда мешавад.

## 4. ШАРТҲО ВА ТАРТИБИ БЕКОР НАМУДАНИ ШАРТНОМА

4.1. Биржа ҳуқуқ дорад, ки Шартномаи мазкурро бо тариқи яктарафа дар ҳолатҳои зерин бекор кунад:

- Эмитент ӯҳдадориҳои худро аз рӯи шартнома иҷро намекунад ё бо таври номувофиқ иҷро мекунад;
- маълумоти аз ҷониби Эмитент пешниҳодшаванда ба ҳақиқат мутобиқ нест;
- Эмитент ба талаботҳои Қоидаҳои листинг ҷавобгӯ нест;
- мӯҳлати гардиши коғазҳои қиматноки нархмонишуда ба анҷом расидааст;
- Эмитент тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад;
- коғазҳои қиматноки нархмонишудаи Эмитент аз гардиш дар Биржа бо асосҳои дар Шартномаи мазкур муқаррарнашуда, аммо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, хориҷ карда мешаванд;

4.2. Дар ҳолате, ки агар Биржа ӯҳдадориҳои худро аз рӯи Шартномаи мазкур иҷро накунад ё ба таври номувофиқ иҷро кунад, Эмитент ҳуқуқ дорад, ки Шартномаи мазкурро бо тариқи яктарафа бекор намояд.

4.3. Тартиби бекор намудани Шартномаи мазкур огоҳ намудани пешакии Тарафҳо дар бораи бекорнамоии дарпешистодаи Шартномаи мазкур ва аз ҷониби Тарафҳо иҷро намудани ҳамаи ӯҳдадориҳои пешбининамудаи он, аз он ҷумла амалӣ намудани ҳисоббаробаркунии Тарафҳоро пешбинӣ менамояд. Ҳангоми ба вуҷуд омадани мухолифатҳо вобаста ба бекор намудани Шартномаи мазкур, Тарафҳо тибқи бандҳои 7.1 ва 7.2 Шартномаи мазкур амал менамоянд.

## 5. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

5.1. Ҳангоми аз ҷониби Эмитент вайрон намудани мӯҳлати пардохт, ки дар банди 3.2 Шартномаи мазкур муайян шудааст, амали Шартномаи мазкур аз ҷониби Биржа бо тариқи яктарафа боз дошта мешавад.

5.2. Дар сурате, ки агар дар муддати 10 (даҳ) рӯз пас аз расидани мӯҳлати пардохт тибқи банди 3.2 Шартномаи мазкур Эмитент қарздориро адо накунад, коғазҳои қиматноке, ки дар банди 1.1 Шартномаи мазкур нишон дода шудаанд, бояд тибқи Қоидаҳои листинги Биржа расмиёти делистинги муваққатиро гузаранд.

5.3. Биржа дар ҳолати ғалат нишон додани маълумоти пешниҳоднамудаи Эмитент дар раванди иҷроиши Шартномаи мазкур дар назди Эмитент ҷавобгар мебошад.

5.4. Дар сурати расонидани зарари моддӣ ба сармоягузорони коғазҳои қиматнок дар натиҷаи аз ҷониби Эмитент ба Биржа пешниҳод намудани маълумотҳои нопурра, носаҳеҳ ва (ё) баиштибоҳбаранда, Эмитент ҷавобгарии пурраро ба ӯҳда мегирад.

5.5. Дар ҳамаи дигар масъалаҳо, ки бо Шартномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, Тарафҳо барои иҷро накардан ё ба таври номувофиқ иҷро кардани ӯҳдадориҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

## 6. ҲОЛАТҲОИ ҚУВВАИ РАФЪНОПАЗИР (ФОРС - МАЖОР)

6.1. Тарафҳои Шартномаи мазкур аз ҷавобгарӣ барои қисман ва пурра иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартномаи мазкур озод мебошанд, агар чунин иҷро накардан натиҷаи ҳолатҳои қувваи рафънопазир (форс - мажор) мебошад, ки пас аз ба имзо расонидани Шартномаи мазкур дар натиҷаи ҳолатҳои хусусияти фавқулодда, ки Тарафҳо онҳоро пешбинӣ ё пешгирӣ карда наметавонистанд, ба миён омадаанд.

6.2. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои дар банди 6.1 боби мазкур қайдшуда ҳар кадом тараф бояд фавран тарафи дигарро дар шакли хаттӣ ё тариқи воситаҳои алоқа огоҳ намояд. Огоҳинома бояд маълумотҳоро дар бораи хусусияти ҳолатҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои расмиеро, ки мавҷудияти ин ҳолатҳоро тасдиқ мекунанд ва аз рӯи имконият таъсири онҳоро ба имконияти иҷроиши ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби тараф аз рӯи Шартномаи мазкур баҳо медиҳанд, дар бар гирад.

6.3. Агар яке аз тарафҳо огоҳиномаи дар банди 6.2 боби мазкур пешбинишударо равон накунад ё саривақт равон накунад, ӯ бояд ба тарафи дигар зарари расонидашударо ҷуброн намояд.

6.4. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани ҳолатҳои дар банди 6.1 боби мазкур пешбинишуда, мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби тарафи Шартномаи мазкур мутаносибан ба вақте, ки дар давоми он чунин ҳолатҳо ва оқибатҳои онҳо давом доранд, тамдид карда мешавад.

## 7. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

7.1. Тарафҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳамаи баҳсу ихтилофҳо, ки метавонанд вобаста ба Шартномаи мазкур ба вуҷуд оянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

7.2. Агар баҳсҳои мазкур бо роҳи гуфтушунид ҳал карда нашаванд, онҳо бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гарданд.

## 8. МӮҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

8.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расидани он эътибор пайдо менамояд ва то лаҳзаи бекор намудан амал мекунад.

8.2. Амали Шартномаи мазкур дар ҳолатҳои зерин метавонад бекор карда шавад:

- бо созиши тарафайни Тарафҳо;
- бо тариқи яктарафа, тибқи бандҳои 4.1 ва 4.2 Шартномаи мазкур.

## 9. ШАРТҲОИ МАХФИЯТ

9.1. Тарафҳо ба қарор омаданд, ки дар давраи амали Шартномаи мазкур ҳама гуна маълумоте, ки аз ҷониби Эмитент дар доираи иҷроиши шартҳои Шартномаи мазкур пешниҳод мегардад, объекти сирри тиҷоратӣ намебошад ва метавонад аз ҷониби Биржа ба ҳар кадом шахси манфиатдор ошкор карда шавад.

## 10. ШАХСОНИ ВАКОЛАТДОРИ ТАРАФҲО

10.1. Шахсони ваколатдори Тарафҳо, ки барои саривақт ва бо пуррагӣ пешниҳод намудани маълумотҳои мувофиқи талаботҳои Қоидаҳои листинг муайяншуда масъул мебошанд, инҳоанд:

Аз ҷониби Биржа:

| № | Ному насаб ва номи падари иҷрокунандаи масъул | Вазифа | Рақами телефон, факс, суроға ва e-mail |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |

Аз ҷониби Эмитент:

| № | Ному насаб ва номи падари иҷрокунандаи масъул | Вазифа | Рақами телефон, факс, суроға ва e-mail |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |

10.2. Тарафҳо бояд саривақт якдигарро оиди ҳамаи тағйиротҳо дар рӯйхати шахсони масъул бо мақсади бартараф намудани вайроннамоиҳои шартҳои Шартнома ва Қоидаҳои листинги мазкур хабардор намоянд.

## 11. ШАРТҲОИ МАХСУС

11.1. Ҳамаи тағйирот ва (ё) иловаҳо ба Шартномаи мазкур қисми ҷудоинопазири он мебошанд ва танҳо дар он ҳолат эътибор доранд, ки агар онҳо дар шакли хаттӣ амалӣ шуда, аз ҷониби намояндаҳои ваколатдори Тарафҳо имзо шудаанд.

11.2. Дар ҳолати ба Рӯйхати расмии Биржа иловатан ворид намудани коғазҳои қиматноки Эмитент, Шартномаи мазкур бояд аз нав баста шавад.

11.3. Шартномаи мазкур дар ду нусха баста шуда, як нусхагӣ барои ҳар кадоме аз Тарафҳо дода мешавад. Ҳар ду нусха қувваи ҳуқуқии баробар доранд. Ҳамаи замимаҳо ба шартномаи мазкур қисми ҷудоинопазири онро ташкил медиҳанд.

11.4. Тарафҳо бояд якдигарро оид ба тағйирёбии суроғаи ҳуқуқии худ, рақамҳои телефон ва телефакс на дертар аз 3 (се) рӯз аз санаи тағйиёбии онҳо хабардор намоянд.

11.5. Дар ҳамаи дигар масъалаҳо, ки бо Шартномаи мазкур пешбинӣ нашудааст, Тарафҳо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Қоидаҳои листинги Биржаро мавриди дастур қарор медиҳанд.

## 12. СУРОҒАИ ҲУҚУҚӢ ВА РЕКВИЗИТҲОИ БОНКИИ ТАРАФҲО

| «Биржа» | «Эмитент» |
|---|---|
| ҶСК «Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ» | ____________________ |
| Суроға: ш. Душанбе, х. Рудакӣ 38/1. | Суроға: |
| РМА: 040048265 | РМА: |
| РЯМ: 0410027521 | РЯМ: |
| Бонки хизматрасон: | Бонки хизматрасон: |
| БДА ҶТ «Амонатбонк» | суратҳисоб: |
| Суратҳисоб: 20202972600060810100 | РМБ: |
| РМБ: 350101626 | суратҳисоби муросилотӣ: |
| Суратҳисоби муросилотӣ: 20402972316264 | |
| Директори генералӣ Шерназаров А. А. | |
| ____________________ ҷ.м. | ____________________ ҷ.м. |

**Замимаи 3**
**ба Қоидаҳои листинги**
**ҶСК «Биржаи фондии**
**Осиёи Марказӣ»**

## Дархост барои листинг

**Ба Директори генералии**
**ҶСК «Биржаи Фондии**
**Осиёи Марказӣ»**
**Шерназаров А. А.**

Хоҳиш менамоем, ки имконияти гузариши расмиёти листинг ва вориднамоии коғазҳои қиматноки зерини аз ҷониби ширкати мо баровардашударо ба рӯйхати расмии Биржа дар сатҳи __________ баррасӣ намоед:

Навъи коғази қиматнок

Бо Қоидаҳои листинги коғазҳои қиматноки ҶСК «Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ» шинос буда, риояи онҳоро ба ӯҳда мегирем.

Роҳбари якуми
Эмитент /_________________/

Сармуҳосиби
Эмитент /__________________/

Ҷ.М.

**Замимаи 4**
**ба Қоидаҳои листинги**
**ҶСК «Биржаи Фондии**
**Осиёи Марказӣ»**

## Рӯйхати ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Эмитент пешниҳодшаванда барои гузариши расмиёти листинг

1. Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии Эмитент ба сифати шахси ҳуқуқӣ ва таҳрири амалкунандаи Оинномаи Эмитент бо тамоми замимаҳо ва иловаҳо ба он, ки ба таври муносиб ба қайд гирифта шудаанд.

2. Қарори мақоми ваколатдори давлатӣ дар бораи бақайдгирии давлатии натиҷаҳои ҳамаи барориши ҳамаи коғазҳои қиматнок, аз он ҷумла коғазҳои қиматноке, ки барои дохил намудан ба Рӯйхати расмии Биржа пешниҳод гардидаанд.

3. Тарҳҳои барориши ҳамаи барориши ҳамаи қоғазҳои қиматнок, аз он ҷумла коғазҳои қиматноке, ки барои дохил намудан ба Руйхати расмии Биржа пешниҳод гардидаанд.

4. Ҳисоботи ҳарсолаи молиявии Эмитент:

- ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) мувофиқи шакли бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи 2011 сол, таҳти №47 тасдиқшуда;
- ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ (ҳисобот дар бораи даромадҳо ва зарар) мувофиқи шакли бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, таҳти №47 тасдиқшуда;
- ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ аз рӯи шакли бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2004, таҳти №28 тасдиқшуда;
- ҳисобот оид ба тағйиёбии сармоя аз рӯи шакли бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2004, №28 тасдиқшуда. Ғайр аз ин мактубҳои эзоҳотӣ ва хулосаҳои аудиторӣ вобаста ба шаклҳои ҳисоботии болозикр барои се соли охир пешниҳод карда мешаванд.

5. Ҳисоботи молиявии Эмитент аз рӯи шаклҳои дар банди 4 Замимаи мазкур овардашуда бо ҳолати ба санаи охирини семоҳаи охирини баанҷомрасидаи соли ҷорӣ.

6. Суратмаҷлисҳои маҷлисҳои умумии саҳмдорони (муассисони) Эмитент дар соли ҷорӣ ва соли ҳисоботии охирон;

7. Проспекти листингӣ (Замимаи 7).

Ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 1, 2, 3 ва 6 нишондодашуда аз ҷониби Эмитент дар шакли нусхаҳои дӯхташуда ва бо мӯҳри Эмитент тасдиқшуда, ва ҳуҷҷатҳои

дар бандҳои 4, 5 ва 7 нишондодашуда дар шакли аслӣ дар коғаз бо мӯҳри Эмитент ва имзои шахсони масъули Эмитент пешниҳод карда мешаванд. Шакли пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ бояд ба талаботҳои Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) мувофиқат намояд.

**Замимаи 5**
**ба Қоидаҳои листингии**
**ҶСК “Биржаи Фондии**
**Осиёи Марказӣ”**

# Хулосаи Кумитаи листингии Биржа

**Санаи тартибдиҳӣ:**

**Макони тартибдиҳӣ:**

**Навъи хулоса: ибтидоӣ/ доир ба нигоҳдории листинг.**

**Аризадиҳанда/Эмитент**______________________________________________

____________________________________________________________

---

Коғазҳои қиматноки ба дохилнамоӣ ба Рӯйхати расмии Биржа пешниҳодшуда/ба Рӯйхати расмии Биржа дохилшуда:

- намуди коғазҳои қиматнок;
- шумора дар муомилот;
- сатҳи рӯйхати расмӣ.

Хулосаҳо оид ба мувофиқ/номувофиқ будани Эмитент ба талаботҳои умумии листинг:

| Меъёри талаботи Биржа | Асосноккунии мувофиқ/номувофиқ будани Эмитент ба талабот |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

Хулосаҳо оид ба мувофиқ/номувофиқ будани Эмитент ба талаботҳои махсуси листингӣ аз рӯи сатҳи “___” Рӯйхати расмии Биржа:

| Меъёри талаботи Биржа | Асосноккунии мувофиқ/номувофиқ будани Эмитент ба талабот |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

Пешниҳодҳо ва тавсияҳои Кумитаи листингии Биржа оид ба дохил намудани коғазҳои қиматноки пешниҳодшуда ба сатҳи дахлдори Рӯйхати расмии Биржа, ё оид ба рад кардан (бо шарҳи сабабҳои рад кардан) дар листинг, ё делистинги коғазҳои қиматнок.

Раис:_______________________________________________

Имзои аъзоёни Кумитаи листингӣ:

1. _______________________________________________

2. _______________________________________________

3. _______________________________________________

4. _______________________________________________

**Замимаи 6**
**ба Қоидаҳои листингии**
**ҶСК “Биржаи Фондии**
**Осиёи Марказӣ”**

**Талаботҳо ба Эмитент барои аз ҷониби Эмитент пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумот барои мақсадҳои нигоҳдории листинг**

Эмитенте, ки коғазҳои киматноки ӯ ба Рӯйхати расмии Биржа дар кадом сатҳе набошад, дохил карда шудаанд, бояд ба Биржа маълумоти зеринро ва дар чунин мӯҳлатҳо пешниҳод намояд:

1) на дертар аз анҷоми моҳи дуюми баъди соли ҳисоботӣ меомада - ҳисоботи солонаи молиявӣ (ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) ва ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ (ҳисобот дар бораи даромадҳо ва зарар), ки мувофиқи шакли бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, таҳти №47 тасдиқ шудаанд ва ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ ва ҳисобот оид ба тағйиёбии сармоя мувофиқи шакли бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2004, таҳти №28 тасдиқ шудаанд ва мактубҳои эзоҳотӣ ба онҳо), ва на дертар аз рӯзи анҷоми семоҳаи якуми соли баъди соли ҳисоботӣ меомада, хулосаи аудитор оиди ин ҳисобот пешниҳод карда шавад. На дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ баъди санаи тасдиқи ҳисоботи солона аз тарафи мақоми ваколатдори Эмитент -ҳисоботи солонаи Эмитент;

2) На дертар аз санаи 30 - юми моҳи баъди семоҳаи ҳисоботӣ меомада - ҳисоботи молиявии семоҳа (аз рӯи шаклҳои дар банди 1 Замимаи мазкур нишондодашуда), ки ба санаи охирини семоҳаи ҳисоботии дахлдор тартиб дода шудааст;

3) ҳар семоҳа на дертар аз 30 рӯзи моҳи баъди семоҳаи ҳисоботӣ меомада ба Биржа проспекти Листингиро тибқи Замимаи 7 ба Қоидаҳои мазкур пешниҳод намояд;

4) на дертар аз 10 рӯзи корӣ то санаи гузаронидани маҷлисҳои умумии саҳмдорон (муассисон) Биржаро оиди гузаронидани чунин маҷлисҳо, инчунин рӯзнома, мӯҳлат, макони баргузоршавӣ хаттӣ огоҳ намояд, ҳамчунин на дертар аз 10 рӯзи корӣ пас аз рӯзи гузаронидани маҷлиси умумии саҳмдорон (муассисон) нусхаи суратмаҷлиси ин маҷлисро ба Биржа пешниҳод намояд;

5) на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз санаи қабули қарори дахлдор Биржаро дар бораи тағйирёбии маълумотҳои бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ (ном, суроғаҳои

ҳуқуқӣ/почтавӣ, ивазкунии мақоми иҷроия ва сармуҳосиб, азнавбақайдгирии давлатӣ) хаттӣ огоҳ намояд;

5[a]) на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз санаи қабули қарори дахлдор Биржаро дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Эмитент хаттӣ огоҳ намояд;

6) на дертар аз 10 рӯзи корӣ то санаи тағйирот Биржаро дар бораи ивазшавии нигоҳдорандаи феҳрист огоҳ намояд;

7) дар муддати 3 рӯз аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳолатҳои дар поён зикршуда, Биржаро дар бораи ин ва бо изҳори далелҳои чунин ҳолатро шарҳдиҳанда ё аниққунанда, хаттӣ огоҳ намояд:

- қабул намудани қарор нисбати Эмитент аз ҷониби ҳар кадом мақомотҳои давлатӣ, ки ба фаъолияти Эмитент дар давраи ҷорӣ ва оянда таъсир мерасонад, аз он ҷумла талабот оиди аз ҷониби Эмитент риоя намудани меъёрҳо ва аёрҳои гуногун;

- нисбати Эмитент ва (ё) шахсони мансабдори он оғоз кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ;

- аз ҷониби Эмитент пешниҳод намудани ариза ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ нисбати ҳар кадом шахс, агар баҳогузории молу мулкии даъвои арзшуда зиёда аз 5% - и арзиши дороиҳои Эмитентро ба санаи пешниҳоди чунин ариза, ташкил диҳад;

- аз ҷониби Эмитент бастани аҳди калон, ки маблағи он 10 ва зиёда аз он фоизи арзиши тавозунии дороиҳои Эмитентро ташкил медиҳад, бо ошкор намудани маълумотҳо дар бораи моҳияти аҳд ва мавҷудияти манфиат дар баста шудани он аз ҷониби шахсони бонуфузи Эмитент;

- тағйирот дар ҳайати шахсони мансабдори Эмитент, ивази аудитор ва тағйирот дар рӯйхати шахсони бонуфузи Эмитент;

- аз ҷониби Эмитент қабул намудани қарор оиди стратегияи рушди худ, аз он ҷумла нақшаҳои ҳам васеъшавӣ ва ҳам ихтисори фаъолияти худ.

8) дар муддати як рӯзи корӣ Биржаро дар бораи манъ намудани бақайдгирии амалиётҳо бо коғазҳои қиматноки ӯ дар феҳристи нигоҳдорандагони коғазҳои қиматнок огоҳ намояд;

9) ба Биржа на кам аз 1 нусхаи маводҳои хусусияти рекламавӣ ва (ё) иттилоотидоштаро, ки барои паҳн намудани оммавӣ нигаронида шудаанд (варақаҳо, брошураҳо, нашрҳои махсуси мақолаҳо, нашрияҳое, ки дар доираи робитаҳо бо ҷамъият нашр мешаванд ва дигар маводҳои эҳтимолии таъиноти яксон), пешниҳод намояд;

10) Эмитент ҳуқуқ дорад, ки ба Биржа ҳар гуна маълумоте, ки ба фаъолияти ӯ дахл дорад, ошкор намояд.

Ҳуҷҷатҳое, ки дар бандҳои 1, 2 ва 3 Замимаи мазкур пешбинӣ шудаанд, ба Биржа дар шакли аслӣ ё нусхавӣ бо муҳри Эмитент тасдиқшуда, пешниҳод карда мешаванд.

Маълумотҳое, ки бо бандҳои 4, 5, 6, 7 ва 8 Замимаи мазкур пешбинӣ шудаанд, ба Биржа хаттӣ дар шакли мактуби расмӣ бо мухр ва имзои шахсони ваколатдор пешниҳод карда мешавад.

**Замимаи 7**
**ба Қоидаҳои листингии**
**ҶСК «Биржаи Фондии**
**Осиёи Марказӣ»**

# Проспекти листингӣ

**Номи Эмитент** ______________________________________________

**Давраи ошкорнамоӣ** __________________________________________

**Санаи тартибдиҳӣ** ___________________________________________

**1. Маълумоти умумӣ дар бораи Эмитент** ______________________________________________________________________
_______________________________________________________________;

а) суроғаи ҳуқуқӣ ва почтавии Эмитент ______________________________________________________________________
_______________________________________________________________;

б) шахси ваколатдор Эмитент, вазифа, телефон барои тамос ______________________________________________________________________
_______________________________________________________________;

в) тавсифи намуди фаъолият (бо ишораи рақам ва санаи иҷозатнома) ва навъи асосии маҳсулоти истеҳсолшаванда ё хизматрасониҳо ______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
___________________________________________________________;

г) аудитори Эмитент __________________________________________;

д) нигоҳдорандаи феҳристи Эмитент ______________________________________________________________________
_______________________________________________________________;

е) сана ва рақами бақайдгирии давлатии Эмитент ба сифати шахси ҳуқуқӣ___________________________________________________________

санаи азнавбақайдгирии давлатии охирини Эмитент ________________________________________________________________;

ж) маълумот дар бораи филиал ва намояндагиҳои Эмитент, инчунин шахсони ҳуқуқие, ки дар онҳо Эмитент зиёда аз 5%-и сармояро доро мебошад, аз он ҷумла дар намуди саҳмия, ҳисса:

| ном | Суроғаи ҷойгиршавӣ | Намуди фаъолият | Ном, насаб ва номи падари роҳбар | Ҳаҷми ҳисса дар сармоя |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

з) шумораи умумии кормандоне, ки дар ширкат аз рӯи ҳолати то ба охири давраи ҳисоботӣ кор мекунанд ________________________________________________________________________;

и) маълумот дар бораи иштироки Эмитент дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ:

| Номи ташкилот | соҳаи фаъолият | Мақоми Эмитент дар ташкилот |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

**2. Идоракунии корпоративии Эмитент**

а) маълумот дар бораи Маҷлисҳои умумии саҳмдорон, ки соли охир аз ҷониби Эмитент баргузор карда шудаанд (соли охир, давраи аз санаи якуми семоҳаи шабеҳи соли тақвимии сипаришуда то санаи охирони семоҳаи ҳисоботӣ ба ҳисоб меравад):

| Санаи баргузоршавӣ | Мавзӯи рӯз |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |

б) маълумот оид ба даромадҳои барои 1 коғази қиматнок ҳисобкардашуда (ҳар кадоме аз намудҳо) дар давоми се соли охир:

| Навъи ҚҚ | Давра | Ҳаҷми дивиденд ё ҳаҷми даромади солонаи купонӣ | Маълумот дар бораи мавҷудияти қарздорӣ бо |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | нишондоди маблағ ва сабаби он |
| | | | |
| | | | |

в) Саҳмдорони (муассисони) Эмитент, ки зиёда аз 5% - и сармояи ширкатро соҳиб мебошанд, бо нишондоди ҳиссаи онҳо:

| Номи саҳмдор (муассис) | Мамлакати қароргоҳ | Ҳисса дар сармояи Эмитент | Миқдори саҳмияҳо (ҳиссаҳо) |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

г) Шахсоне, ки зиёда аз 5%-и дигар коғазҳои қиматноки назар ба саҳмия, аз ҷониби Эмитент баровардашударо соҳиб мебошанд:

| Номи доранда | Навъи коғази қиматнок (соҳибон аз рӯи коғазҳои қиматноки як намуд гурӯҳбандӣ мешаванд) | Мамлакати қароргоҳ | Ҳисса | Миқдори коғазҳои қиматнок |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

д) Сохтори саҳмдорони Эмитент ва шумораи умумии саҳмдорони Эмитент аз рӯи ҳолати дар охири давраи ҳисоботӣ:

| | миқдор | Ҳисса дар сармоя |
|---|---|---|
| Шахсони воқеӣ | | |
| Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| Давлат | | |
| Ҳамагӣ | | |

е) Ҳайати шахсии мақомотҳои иҷроия, назоратӣ ва санҷишии Эмитент, бо нишондоди микдори саҳмияҳое, ки ҳар яке аз онҳо соҳиб мебошанд ва ҳиссаҳои онҳо дар оинномаи сармоявии Эмитент:

| Ном, насаб ва номи падар | Вазифа дар мақомотҳои идоракунанда (шахсони вазифадор аз рӯи мақомотҳои идоракунанда гурӯҳбандӣ мешаванд) | Ҳисса дар сармояи Эмитент | Микдори саҳмияҳо (ҳисса) | Ҷойи кори асосии шахси мансабдори Эмитент |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

ж) Маълумот дар бораи маҷлисҳои Шӯрои директорони (Шӯрои нозирон) Эмитент аз рӯи семоҳаи ҳисоботӣ:

| Санаи гузаронидани маҷлис | Мавзӯи рӯз |
|---|---|
| | |
| | |

з) Маълумот дар бораи ҷазоҳои маъмурӣ, ки нисбати Эмитент ва шахсони мансабдори ӯ барои семоҳаи ҳисобӣ таъйин карда шудаанд:

| Муҷозот нисбати ки таъйин карда шудааст | Муҷозот аз ҷониби ки таъйин карда шудааст | Асоси муҷозот ва ҳаҷми он | Маълумот дар бораи иҷроиш |
|---|---|---|---|
| | | | |

и) Маълумот дар бораи даъвоҳои муҳими судӣ (вобаста ба маблағҳо дар ҳаҷми зиёда аз 5% аз арзиши тавозунии дороиҳо), ки аз ҷониби Эмитент оғоз шудаанд ё бар зидди ӯ дар истеҳсолоти судӣ қарор доранд, дар давраи ҳисоботии гузашта, ва ё даъвоҳои судӣ нисбати шахсони мансабдори ӯ:

| Даъвогар (агар шахси мансабдори Эмитент бошад, | Ҷавобгар (агар шахси мансабдори Эмитент бошад, | Мавзӯи муҳокима | Маълумот дар бораи хусусияти молу мулкии |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| пас вазифаи ӯ ишора карда шавад) | пас вазифаи ӯ ишора карда шавад) | | талаботҳои даъвогӣ |
| | | | |

**3. Маълумот дар бораи фаъолияти Эмитент дар давраи ҳисоботӣ**

а) Маълумот дар бораи қарздиҳандагони асосии Эмитент (барои ҳама қарздиҳандагоне, ки қарз нисбати онҳо зиёда аз 10% - ро аз маблағи умумии ӯҳдадориҳои ҷории Эмитент ташкил медиҳад) аз рӯи ҳолат дар охири семоҳаи ҷорӣ:

| Номи қарздиҳанда | Хусусияти қарздорӣ | Ҳисса дар ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои ҷорӣ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

б) Маълумот дар бораи қарздиҳандагони асосии Эмитент аз рӯи ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва дарозмуддати Эмитент (ҳамзамон барои ӯҳдадориҳои ҷорӣ танҳо он қарздиҳандагоне нишон дода мешаванд, ки қарзи ҷории Эмитент дар назди онҳо зиёда аз 10% - ро аз ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои ҷорӣ ташкил медиҳад, барои ӯҳдадориҳои дарозмӯҳлат ҳамаи қардихандагон нишон дода мешаванд):

Ӯҳдадориҳои ҷорӣ:

| Номи қарздиҳанда | Хусусияти қарздорӣ (сабаби ба вуҷуд омадани қарздорӣ, инчунин ишора ба он, ки мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳо гузаронида шудааст ё не) | Саҳм дар ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои ҷорӣ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Ӯҳдадориҳои дарозмӯҳлат:

| Номи қарздиҳанда | Хусусияти қарздорӣ (сабаби ба вуҷуд омадани қарздорӣ, инчунин ишора ба он, ки мӯҳлати иҷрои | Саҳм дар ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои ҷорӣ |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| | ӯҳдадориҳо гузаронида шудааст ё не) | |
| | | |
| | | |

в) Маълумот дар бораи аҳдҳои Эмитент дар давоми давраи ҳисоботӣ, нисбати зиёда аз 20% моликияти Эмитент, бо шарҳи моҳияти онҳо:

| Сана | Моҳияти аҳд | Ҳаҷми аҳд | Маълумот дар бораи анҷоми аҳд |
|---|---|---|---|
| | | | |

г) Маълумот дар бораи риояи меъёрҳои ҳатмии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ (барои Эмитентҳое, ки фаъолияти иҷозатномашавандаро амалӣ менамоянд):

| Номи меъёр | Ҳаҷми меъёр | Аҳамият дар оғози семоҳаи ҳисоботӣ | Аҳамият дар охири семоҳаи ҳисоботӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

Имзои корманди ваколатдори Эмитент, ки барои кор бо Биржа масъул мебошад.

(Ном, насаб ва номи падар) Ҷойи имзо